**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи “Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Имрӯз яке аз омили муҳим дарки масоили ташаккул ва рушди сифати шаҳрвандӣ, ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, наврасон ва ҷавонон ба ҳисоб меравад. Ташаккули сифатҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар машғулиятҳо ва фаъолиятҳои беруназдинфӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи шаҳрвандӣ-ватандӯстиашон шароити мусоид фароҳам меорад. Аз ин нуктаи назар, ба сифати рисолаи илмӣ аз ҷониби Давлатзода Ҷамила интихоб шудани мавзӯи “Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, саривақтӣ ва зарурияти имрӯзаи низоми маорифи мамлакат маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки баъзе аз ҳуҷҷатҳо доир ба масоили таҳқиқшаванда дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қабул гардида, баъдан мукаммал гардонида шуданд ва бо мазмуну муҳтавои нав қабул гардиданд ва барои воридшавии Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонии таҳсилот мусоидат намуданд. Ба шарофати ин дар соҳаи таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон технологияҳои инноватсионӣ ва интерактивии таълим бештар мавриди истифода қарор мегиранд, ки бешак, ба муассисаҳои таълимӣ имкониятҳои васеъро барои амалисозии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас фароҳам меоранд.

Мутаассифона, дар самти мазкур, дар баробари дастовардҳо, айни ҳол дар стандартҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, воситаҳои техникии таълим, аз

ҷумла, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълим, инчунин омода намудани кадрҳои педагогии ба сатҳи талаботи муосир ҷавобгӯро имконпазир мегардонанд, камбудиҳо ҷой доранд ва рисолаи илмӣ – тадқиқотии Давлатзода Ҷамила фарогири муаммои мазкур мебошад.

Диссертатсияи доктории Давлатзода Ҷ., чунон ки аз мутолиаи автереферати он бармеояд, аз муқаддима, чаҳор боб, хулоса ва феҳристи осори таҳқиқӣ ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима зарурати таҳқиқи мавзуъ, дараҷаи коркарди он баён гардида, мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот мушаххас шудаанд; ғояи пешбар, сарчашмаҳо ва асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, навгониҳои илмӣ ва муқарраротӣ барои дифоъ манзуршаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҳамчун муаммои педагогӣ» аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани консепсия ва стратегияи тарбияи миллӣ вобаста ба муаммои таҳқиқшаванда амалӣ гардида, муҳтаво, моҳият ва функсияҳои низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ таҳқиқ шуда, масъалаҳои ташаккули тафаккури шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон ва тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар асоси Консепсияи миллии тарбия ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия «Заминаҳои назариявӣ ва асосҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» унвон дошта, дар он мақсаду вазифаҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шароити муосири тавсеаи мавқеи иҷтимоӣ - ахлоқӣ ва иқтидори хонандагон муайян гардида, талаботи муосири дидактикӣ нисбат ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон баррасӣ шудаанд, шаклу усулҳои тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи фарҳангии шахсияти насли наврас, ташаккули шуури шаҳрвандӣ-

ватандӯстии хонандагон дар раванди корҳои беруназсинфӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюми диссертатсия «Стандартҳои давлатии таҳсилот ва шароити педагогии татбиқи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон» таҳлили сохтор ва мазмуну мундариҷаи барномаҳои таълимии ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон нигаронидашуда анҷом ёфта, хусусиятҳои дидактикии китобҳои дарсӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумӣ дар самти тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон муайян шудаанд. Дар баробари ин, муносибати интерактивӣ нисбати мазмуну мундариҷаи таълими фанҳои таълимии риштаи таърих, ки ба тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон равонашуда баррасӣ гардида, шароитҳои педагогии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳқиқ шудаанд.

Дар боби чоруми диссертатсия «Механизмҳо ва технологияи тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ (тавсифи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ)» самаранокии амсилаи технологияи педагогии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо такя ба хусусиятҳои сохтории унсурҳои педагогӣ ва таълимӣ-тарбиявӣ санҷида шудааст.

Маълумотҳое, ки дар рафти кори таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, муқаррароти назариявии мавҷударо тасдиқ намудаанд. Ба туфайли ба роҳ мондани фаъолияти ҳадафмандона дар раванди таълим сатҳи огоҳии хонандагон дар мавриди моҳият ва мазмуну мундариҷаи тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ афзудааст. Хонандагон арзиши шаҳрвандият ва ватандӯстиро дар ҷомеаи шаҳрвандӣ дарк намуда, ба фаъолияти ҳамаҷониба ба нафъи Ватан омода будани худро изҳор менамоянд; таҷрибаи иштирок дар чорабиниҳои самти тарғиби фарҳанги шаҳрвандиро ба даст оварда, дар онҳо сифатҳои ватандӯстӣ ташаккул меёбанд; бо хонандагони дигар ноҳияву шаҳрҳо фаъолона ҳамкорӣ менамоянд.

Аз ҷониби тадқиқгар амсилаи раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон коркард гардидааст, ки татбиқи амалии он вобастагӣ аз маҷмуи принсипҳои умумии дидактикӣ ва сирф методологии дар ин бахш тавсифшударо дар назар дорад.

Таҳқиқоти илмии анҷомёфтаро ҳамчун аз ҷиҳати илмӣ коркарди асоснок, ки ҳалли масъалаҳои муҳимро дар соҳаи илми педагогӣ таъмин мекунанд, тавсиф намудан мумкин аст. Рафти таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки муаррифӣ гардидаанд, асоснок мебошанд.

Таҳлили адабиётҳои пешниҳодшудаи автореферат ва корҳои чопшуда аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқоти гузаронидаи Давлатзода Ҷамила ба мазмун ва мундариҷаи автореферат мувофиқ аст.

Автореферати Давлатзода Ҷамила дар асоси талаботҳои Шӯрои диссертатсионӣ иҷро гардида, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи низом ва технологияи иттилоотии
Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва
хизматрасонии Тоҷикистон — Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

**Маълумот барои тамос:** 734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
Тел: (+992 37) 234-88-02; aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р. Мирзоевро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ ДБСХТ* — *Ҷӯраев Ш.Н.*